**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ).**

Автореферати диссертатсияи Амирзода Фарнуш Амир таҳқиқ ва таҳлили илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад, ки ба яке аз масъалаи асосӣ ва ҳаётии шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, яъне танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ассотсиатсияҳо ҳамчун шакли ихтиёрии муттаҳидшавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ҳимояи манфиатҳои муштарак, ҳамоҳангсозии фаъолият ва рушди соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо яке аз унсурҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор рафта, дар таҳкими принсипҳои демократия, гуногунандешӣ ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ саҳм мегузоранд. Аз ҷиҳати назариявӣ, омӯзиши моҳият ва табиати ҳуқуқии ассотсиатсияҳо, муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми шахсони ҳуқуқӣ, инчунин, таҳлили муносибати мутақобилаи онҳо бо давлат ва дигар субъектҳои ҳуқуқ масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Аз ҷиҳати амалӣ бошад, таҳқиқи таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ, мушкилоти бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ, масъулият ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ассотсиатсияҳо аҳаммияти калидӣ дорад. Бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуъ, таҳқиқи танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонунгузорӣ, таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии онҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ин ниҳодҳо мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили асосҳои ҳуқуқии амалкунанда, ошкор намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, зимни омузиш ва таҳлили автореферати Амирзода Фарнуш Амир ба натиҷае расидан мумкин аст, ки тамоми масъалаҳо дар он ба таври зарурӣ ва вобаста ба талаби муҳтавои танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст, ки ин завқи баланди касбият ва талошу заҳмати муаллифро нишон медиҳад. Вазифаҳои гузошташуда ба

монанди муайян намудани мафҳум ва намудҳои ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), баррасии тартиби таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), таҳлили заминаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо), муайян намудани хусусият ва мақоми ҳуқуқии иттифоқҳои тиҷоратӣ, таҳлили вазъи ҳуқуқии иттифоқҳои ғайритиҷоратӣ, муайян намудани мушкилоти қонунгузорӣ ва коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти танзими фаъолияти ассотсиатсия ва иттифоқҳо бо таври мукаммал ва дақиқ дар таҳқиқот анҷом дода шудааст. Дар ин самт муаллиф такя ба санадҳои ҳуқуқии дохилӣ ва хориҷӣ намуда, нуктаҳои илмии асоснок, тарзи риоя, иҷроиш, роҳи ҳали мушкилот ва дурнамои онро ҳам ба таври назариявӣ ва ҳам ба таври амалиявӣ нишон додааст ва дар ин ҷода муваффақ низ гардидааст.

Аз пешниҳод ва хулосаҳои дар автореферат манзуршуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил гардонидани меъёрҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) истифода шавад. Афзун бар он, пешниҳодҳое, ки барои мукаммалсозии қонунгузорӣ матраҳ шудаанд, аз арзиши назариявӣ, илмӣ ва амалии боло бархурдоранд, ки метавонанд мавриди истифодаи васеъ ҳам дар назария ва ҳам амалияи татбиқи ҳуқуқ қарор бигиранд.

Дар воқеъ, муаллиф заҳмату талоши зиёд кашида, як маводи мукаммали илмиро таҳия намудааст, ки он метавонад дар ҳама самти фаъолияти дахлдор, аз ҷумла такмили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Вале новобаста ба ин, баъзе андешаҳои ҷузъии мубоҳисавӣ ба назар мерасанд. Масалан, муаллиф дар пешиниҳоди якум мафҳуми ассотсиатсияро хело васеъ пешниҳод намудааст, ки дар он аломатҳо, ҳадафҳо, вазифаҳо ва соҳаҳои фаъолият омехта шудаанд. Аз нигоҳи техникаи ҳуқуқӣ, мафҳум бояд кутоҳ, дақиқ ва танҳо нишонаҳои муҳими ҳуқуқиро дар бар гирад. Дар робита ба ин масъала мехостем муаллиф нуктаи назари худро баён намояд.

Эроди баёншуда мазумни рисолаи илмиро коҳиш намедиҳад. Сохтори автореферат бо диққат ва равонии илмӣ тароҳӣ шудааст. Мавзуи таҳқиқот дар автореферати мазкур ба таври мушаххас ва ҳамаҷониба инъикос ёфтааст, ки он шомили муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки зери мавзуи мазкур муаллиф хеле таҳқиқоти амиқ намуда, вобаста ба он 1 воситаи таълимӣ ва зиёда аз 17 мақолаи илмӣ рӯи чоп овардааст, ки аз он 9 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидааст.

Таҳқиқоти илмии Амирзода Фарнуш Амир имрӯз дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ муҳим ва зарурӣ буда, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида, дар фаъолияти самараноки мақомоти қонунгузор метавонад таъсиргузор бошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Амирзода Фарнуш Амир ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ,
байнипарламентӣ ва ташрифотии
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Н. И.Сомонӣ, хиёбони Рудакӣ 42,
Мобилӣ 004-77-25-35
E-mail: Makhmadshoevfarkhod@mail.ru

Имзои Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмонро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Ф.С.
Зз

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассиса:** 734051, ш.Душанбе, н. И.Сомонӣ, хиёбони Рудакӣ 42,
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел: 221-33-07, e-mail: k3adr.harlament.@mail.ru
«25» 02 соли 2026